*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич дар мавзуи «Арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Устувории вазъи молиявии корхонаҳои саноатӣ, шарти зарурии самаранокии фаъолият ва имкониятҳои рушд, нишондиҳандаи ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Инчунин манфиати амалии таъмини суботи молиявиро муайян мекунад. Тағйирёбии шароити молиявию иқтисодӣ на танҳо ба қобилияти пардохти ӯҳдадориҳои корхона таъсир расонида метавонад, балки мавҷудияти минбаъдаи онро низ муайян намояд. Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки корхонаҳои ватанӣ бояд дар фаъолияти худ ба хавфҳои молиявӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир кунанд.

Устувории корхона на танҳо бо технологияи муосири истеҳсолот, арзиши меҳнат, балки бо мавҷудияти стратегияи рушди молиявию иқтисодӣ низ муайян карда мешавад. Вақтҳои охир роҳбарони корхона бештар бо мушкилоти арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои молиявӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳамин тариқ, хавфҳои баланд ва даромаднокии пасти фаъолияти корхонаҳо бештар фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шароити рушди иқтисодиро дар солҳои наздик муайян мекунад.

Муҳимтарин вазифаи корхонаи саноатӣ дар айни замон муайян кардани манбаъҳо ва ҷалб намудани микдори дахлдори захираҳои молиявӣ мебошад, ки барои иҷрои барномаҳои махсусан перспективии инвеститсионӣ ва барои аз нав барқарор намудани таҷҳизоти фарсудашудаи истеҳсолӣ заруранд. Аммо аксарияти корхонаҳои бахши воқеӣ бинобар вазъи ғайриқаноатбахши молиявии онҳо амалан захираҳои заруриро барои мақсадҳои сармоягузорӣ надоранд.

Масъалаҳое, ки дар рафти ислоҳоти иқтисодиёт ба миён омадаанд, омухтани сабабҳо, инчунин таҳлили инкишофи окибатҳои манфии молиявии корхонаҳоро талаб мекунанд. Устувории молиявии ҷамъият ба устувории молиявии корхонаҳо асос меёбад. Ҳолати молияи корхона асосан тамоми равандҳои асосии иқтисодии давлатро муайян мекунад.

Дар шароити имруза муаммоҳои таъмини суботи молиявӣ яке аз масъалаҳои марказии субъектҳои хоҷагидор гардид.

Самаранокии ҳалли амалии мушкилоти арзёбии хавфҳои молиявӣ ва рафтори корхона дар шароити номуайянии бозор бо набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ин мавзӯъ дар илми ватанӣ ба таври назаррас маҳдуд карда

мешавад. Дар марҳалаи ҳозира дар корхонаҳо механизмҳо ва воситаҳои идоракунии хавфҳо нокифоя истифода мешаванд, ки ин қисман ба нокифоя будани заминаи қонунгузорӣ вобаста аст. Дар адабиёти иқтисодӣ таҳқиқоти илмие, ки ба масъалаҳои арзёбии хавфҳои молиявии корхонаҳо дар шароити нави хоҷагидорӣ ва ба соҳаҳои алоҳидаи саноат мутобиқ намудани онҳо бахшида шудаанд, ба қадри кифоя омухта нашудаанд. Ҳамаи ин муҳим будани мавзӯи кори диссертатсияро муайян мекунад.

Сарфи назар аз он, ки имрӯз ҳам дар таҳқиқоти илмӣ, ҳам адабиёти махсус ва ҳам дар амалия ба масъалаҳои хавфҳои молиявӣ таваҷҷӯҳи муайян дода мешавад, мушкилоти хавф дар менеҷмент ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Фаҳмиши норавшани муқаррароти назарияи хавф, аз ҷумла таснифоти онҳо, зарурати такмил додани усулҳои таҳлили он барои корхонаҳо истифодаи дастгоҳи назариявии онро душвор мегардонад.

Сарчашмаҳои адабии мавҷуда асосан ба баррасии масъалаҳои алоҳидаи арзёбӣ ва идоракунии хавф бахшида шудаанд, ки дар истифода ва омӯзиши онҳо мушкилиҳои муайянеро ба вуҷуд меорад.

Адабиёти муосири илмии хориҷӣ ва ватанӣ, ки доираи васеи таҳаввулот ва асосҳои назариявии омилҳои хавферо, ки дар самтҳои мухталифи тиҷорат қарор доранд, таъмин менамоянд, корҳои Ван Хорн Ҷ., Мессин Д., Хюз С., Редхед К., ва инчунин Алгина А.П., Грабовой П.К., Качалов Р.М., Клейнер Н.Я., Рогов М.А., Ротаря В.И., Самочкина В.Н., Уткина Е.А., Тренева Х.Х. ва ғайра.

Дар айни замон бояд ба муаммои устувории вазъияти молиявии корхона, даромаднокии истеҳсолот, самаранокии истифодаи иқтидори тараққиёти субъекти хоҷагидорӣ, ки ба назар гирифтани таъсири хавфҳои молиявӣ имконнопазир аст, диққати махсус дода шавад.

Аз ин рӯ, масъалаҳои таҳияи усулҳои самараноки методологии омӯзиши хавфҳои молиявӣ аҳамияти махсус доранд. Ташаккул додани механизми самарабахши арзёбии хавфҳои молиявӣ дар сатҳи корхона ҳатмӣ мегардад, ки он ба маҷмӯи муносиби воситаҳои идоракунии хавфҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ асос ёфтааст, ки метавонанд дар бораи дараҷаи идоракунии хавф маълумоти объективӣ пешниҳод кунанд.

Дар баробари бартариҳо автореферати диссертатсияи мазкур аз камбудиҳо холӣ нест, ки ба инҳо дохил мешаванд:

- дар автореферат намуд ва ҳаҷми маҳсулоти дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои содирот пешбинӣ шудаанд, ба назар намерасанд;

- дар саҳифаи 11 автореферат, расми 1, усулҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ – тасвир ёфтааст, ки он бо таври кофӣ шарҳу тавсиф дода нашудааст.

Камбудиҳои пешниҳодгардида ҷузъӣ буда, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро тағйир намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, аз натиҷаи омӯзиши автореферати мазкур бар меояд, ки диссертатсияи Амиров Муҳаммадшариф Савзаевич мавзуи рӯзмара буда, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он бешубҳа сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.и., дотсент мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Тиҷорати Тоҷикистон** **Дустматов Б.М.**

Суроға: 734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, к.Деҳотӣ ½, www.tguk.tj
Теллефон (+992)918986464,
E-mail: dust_81@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Дустматов Б.М. тасдиқ мекунам.

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**